Вазорату идораҳо

Мувофиқи моддаи 47 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ» лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи хизмати давлатӣ» аз 20 майи соли 2016, №02-704 ба вазорату идораҳои дахлдор ҷиҳати мувофиқа ирсол карда шудааст.

Лоиҳаи мазкур бинобар муҳим буданаш барои муҳокимаи дигар вазорату идораҳо ва ҷомеаи шаҳрвандӣ дар сомонаи Агентии хизмати давлатӣ бо нишонии www.ahd.tj ҷой дода шудааст.

Хоҳишмандем баррасӣ карда шуда, дар ҳолати зарурат хулосаи худро ба Агентии хизмати давлатӣ пешниҳод намояд.

Замима: Лоиҳаи зикргардида бо забонҳои тоҷикию русӣ ва асосноккунии он дар 8 саҳифа.

Директори Агентӣ Ҷ. Давлатов

Иҷрокунанда: Толибов Р.Ғ.
Тел: 224-08-79

# АСОСНОККУНИИ

лоиҳаи қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи хизмати давлатӣ»

Лоиҳаи мазкур аз ҷониби Агентии хизмати давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон бо мақсади иҷрои бандҳои 35 ва 65 Нақшаи чорабиниҳои татбиқи Стратегияи муқовимат ба коррупсия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2013-2020, ки бо фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 августи соли 2013, №1504 тасдиқ шудааст ва тавсияи 12 Созмони ҳамкории иқтисодӣ ва рушд (СҲИР) барои Тоҷикистон дар доираи Нақшаи истамбулии Шабакаи мубориза бо коррупсия барои кишварҳои Аврупои Шарқӣ ва Осиёи Марказӣ, ки таҳияи тағйиру иловаҳоро ба санадҳои меъёрии ҳуқуқии дахлдор бо мақсади такмил додани механизми эъломиясозии даромадҳо ва манфиатҳои шахсии шахсони мансабдори давлатӣ ва аъзои оилаи онҳо пешбинӣ менамояд, таҳия гардидааст.

Дар қисми 1 лоиҳа пешниҳод мегардад, ки дар моддаи 1 сархатҳои ҳабдаҳум, ҳаждаҳум ва нуздаҳум вобаста ба мафҳумҳои «бархӯрди манфиатҳо», «манфиати давлатӣ» ва «манфиати шахсӣ» дар таҳрири нав ифода карда шуда, онҳо ба мафҳумҳое, ки дар моддаи 1 лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мубориза бар зидди коррупсия» пешбинӣ шудаанд, мутобиқ карда мешаванд.

Дар қисми 2 лоиҳа пешниҳод карда мешавад, ки сархати дуюми қисми 3 моддаи 13 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи хизмати давлатӣ» дар таҳрири нав ифода карда шавад. Яъне ҳангоми қабул ба хизмати давлатии маъмурӣ шаҳрвандон дар баробари дигар ҳуҷҷатҳои дахлдор эъломия дар бораи даромадҳо, молумулк ва ӯҳдадориҳои молиявии худ ва аъзои оила, эъломия дар бораи манфиатҳои шахсиро пешниҳод менамоянд.

Дар қисми 3 лоиҳа пешниҳод карда мешавад, ки дар сархати даҳуми қисми 1 моддаи 28 баъди калимаҳои «салоҳият дорад,» калимаҳои «инчунин дар бораи ҳуқуқвайронкуниҳо ва ҷиноятҳои ба коррупсия алоқаманд ба мақомоти ҳифзи ҳуқуқи салоҳиятдор» илова карда шаванд.

Мувофиқи ин меъёр хизматчии давлатӣ ӯҳдадор карда мешавад, ки ба мақомоти ҳифзи ҳуқуқ дар бораи ҳуқуқвайронкуниҳо ва ҷиноятҳои ба коррупсия алоқаманд хабар диҳад.

Ҳамчунин дар қисми 4 лоиҳа ба Қонуни мазкур моддаи 29[1] дар шакли истинод илова карда шуда, аз ҷумла пешбинӣ мешавад, ки чораҳои маҷмӯии ташкилӣ, ҳуқуқӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоӣ оид ба таъмини ҳимояи шахсон, ки барои пешгирӣ ва ошкор намудани ҷиноятҳо, аз ҷумла ҳуқуқвайронкуниҳо ва ҷиноятҳои ба коррупсия алоқаманд, ки қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ кардааст, нисбати хизматчии давлатӣ, аъзои оила ва хешовандони наздики ӯ татбиқ карда мешавад.

Дар қисми 5 лоиҳа пешниҳод карда мешавад, ки моддаи 31 дар таҳрири нав дар шакли истинод ифода карда шавад. Тибқи он пешбинӣ мегардад, ки даромадҳо, молумулк ва ӯҳдадориҳои молиявии довталабони (номзадҳои) мансабҳои давлатии ҳокимияти давлатӣ, хизмати давлатӣ ва мансабҳои ба

онҳо баробаркардашуда ва аъзои оилаи онҳо, манфиатҳои шахсӣ тибқи тартиби муқарраршуда эъломия кунонида мешаванд.

Қабули лоиҳа аз Буҷети давлатӣ маблағгузории иловагиро талаб намекунад.

Дар лоиҳа омилҳои коррупсионӣ ҷой надоранд.

Хоҳишмандем баррасӣ карда шавад.

Агентии хизмати давлатии назди
Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон

Лоиҳаи

Қарори
Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон

Дар бораи лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи хизмати давлатӣ»

Мутобиқи моддаи 58 Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон қарор мекунад:

Лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи хизмати давлатӣ» маъқул дониста шуда, ба баррасии Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод карда шавад.

Раиси
Ҳукумати Ҷумҳурии
Тоҷикистон

Лоиҳаи

# ҚОНУНИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

## ОИД БА ВОРИД НАМУДАНИ ТАҒЙИРУ ИЛОВАҲО БА ҚОНУНИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН «ДАР БОРАИ ХИЗМАТИ ДАВЛАТӢ»

**Моддаи 1.** Ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 5 марти соли 2007 «Дар бораи хизмати давлатӣ» (Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с.2007, №3, мод.166; №6, мод.429; с.2010, №3, мод.158; с.2011, №6, мод.452; с.2012, №8, мод.834; №12, қ.1, мод.1008; с.2013, №7, мод.542; №12, мод.905; с.2014, №7, қ.2, мод.425; Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 25 декабри соли 2015, №1260; Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 15 марти соли 2016, №1303) тағйиру иловаҳои зерин ворид карда шаванд:

1. Дар моддаи 1 сархатҳои ҳабдаҳум, ҳаждаҳум ва нуздаҳум дар таҳрири нав бо мазмуни зерин ифода карда шаванд:

«-бархӯрди манфиатҳо - ҳолате, ки ҳангоми мавҷудияти он манфиатдории шахсӣ (бевосита ё бавосита) метавонад ба раванди қабули қарор ҳамон тавр таъсир расонад, ки боиси расондани зарар ба манфиатҳои ҷомеа ё давлат ё мақомоти давлатӣ ё ташкилот, ки корфармо мебошанд, мегардад;

-манфиати давлатӣ- манфиатҳои ҷомеа, ниҳодҳои алоҳидаи он ё гурӯҳҳои иҷтимоии барои таъмини фаъолияти устувор ва рушди ҷомеа муҳим, ки давлат барои таъмини манфиатҳои худи давлат муқаррар намудааст;

-манфиати шахсӣ- ҳар гуна манфиати моддӣ ё ғайримоддӣ, ки аз эҳтиёҷот ё ниятҳои шахсӣ, аз амалҳое, ки вобаста ба вазъи ҳуқуқии шахси хусусӣ метавонанд қонунӣ бошанд, аз муносибатҳо бо шахсони наздик, дигар шахсони воқеӣ ё ҳуқуқӣ новобаста аз шакли моликият, аз муносибатҳо ё алоқаҳои шахсӣ бо ҳизбҳои сиёсӣ, ташкилотҳои ғайритиҷоратӣ, ташкилотҳои байналмилалӣ бармеоянд, инчунин натиҷаи афзалиятдиҳӣ ё уҳдадориҳои онҳо мебошад;».

2. Сархати дуюми қисми 3 моддаи 13 дар таҳрири нав бо мазмуни зерин ифода карда шавад:

«-эъломия дар бораи даромадҳо, молумулк ва уҳдадориҳои молиявии худ ва аъзои оила, эъломия дар бораи манфиатҳои шахсӣ;».

3. Дар сархати даҳуми қисми 1 моддаи 28 баъди калимаҳои «салоҳият дорад,» калимаҳои «инчунин дар бораи ҳуқуқвайронкуниҳо ва ҷиноятҳои ба коррупсия алоқаманд ба мақомоти ҳифзи ҳуқуқи салоҳиятдор» илова карда шаванд.

4. Моддаи 29[1] бо мазмуни зерин илова карда шавад:

«Моддаи 29[1]. Чораҳои ҳимояи хизматчии давлатӣ, аъзои оила ва хешовандони наздики ӯ аз зӯроварӣ, таҳдид ва дигар амалҳои зиддиҳуқуқӣ, ки ба иҷрои ӯҳдадориҳои мансабӣ ва хабар додан дар бораи ҳуқуқвайронкуниҳо ва ҷиноятҳои ба коррупсия алоқаманд вобастаанд

1. Нисбати хизматчии давлатӣ, аъзои оила ва хешовандони наздики ӯ раво дидани ҳар гуна зӯроварӣ, таҳдид ва дигар амалҳои зиддиҳуқуқӣ, ки ба иҷрои ӯҳдадориҳои мансабӣ ва хабар додан дар бораи ҳуқуқвайронкуниҳо ва ҷиноятҳои ба коррупсия алоқаманд вобастаанд, манъ аст.

2. Чораҳои маҷмӯии ташкилӣ, ҳуқуқӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба таъмини ҳимояи шахсон, ки барои пешгирӣ ва ошкор намудани ҷиноятҳо, аз ҷумла ҳуқуқвайронкуниҳо ва ҷиноятҳои ба коррупсия алоқаманд, ҷалб мегарданд, нисбат ба хизматчии давлатӣ, аъзои оила ва хешовандони наздики ӯ татбиқ карда мешавад.».

5. Моддаи 31 дар таҳрири нав бо мазмуни зерин ифода карда шавад:

«Моддаи 31. Эъломиякунонии даромадҳо, молумулк ва ӯҳдадориҳои молиявии хизматчии давлатӣ, аъзои оилаи ӯ, эъломиякунонии манфиатҳои шахсии хизматчии давлатӣ

Даромадҳо, молумулк ва ӯҳдадориҳои молиявии довталабони мансабҳои давлатии хизмати давлатӣ ва хизматчиёни давлатӣ ва аъзои оилаи онҳо ва манфиатҳои шахсии хизматчиёни давлатӣ бо тартиби муқаррарнамудаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мубориза бар зидди коррупсия» эъломия кунонида мешаванд.».

**Моддаи 2.** Қонуни мазкур пас аз интишори расмӣ мавриди амал қарор дода шавад.

Президенти
Ҷумҳурии Тоҷикистон